«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода доктори илмҳои педагогӣ, профессор
_________________ Раҷабзода М.
«13» 05 2019с.

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович дар мавзӯи «Хусусиятҳои луғавӣ-грамматикии феъл дар “Таърихи Бухоро”-и Наршахӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Забоншиносии марҳилаи кунунӣ ба ташаккули муносибатҳои грамматикӣ ва хусусиёти сохтории забон таваҷҷуҳи бештаре дорад ва дар ин миён мавриди таҳқиқ қарор додани феъл ва категорияҳои алоҳидаи он яке аз мавзӯъҳои меҳварии бисёре аз забонҳо гардидааст. Сарфи назар аз тамоюлоти зиёд дар ҷодаи таҳқиқи феъл ҳанӯз ҳам номураттабӣ ва масоили ҳалталаб ба назар мерасад. Аҳаммияти омӯзиши масъала дар он тақрир мегардад, ки ин ҳиссаи нутқ дар чанд садсолаи охир тадриҷан баъзе аз хусусиятҳои грамматикии худро аз даст додааст. Дар диссертатсияи таҳқиқотии мазкур, ки ба феъл бахшида шудааст, дар робита ба хусусиятҳои забонии китоби «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ раванди ташаккули забони адабии форсӣ-тоҷикӣ бо истифода аз усули таҳлили сохторӣ, луғавӣ-маъноӣ ва этимологӣ бар пояи таҳлили синхронӣ ва дар баъзе аз ҳолатҳо истифодаи усули муқоисавӣ-таърихӣ ва муқобалаии забоншиносӣ баррасӣ гардидааст. Дар самти барқарорсозӣ ва таърихи ташаккули забони адабии форсӣ-тоҷикӣ омӯзиши муқобалавии мавод баёнгари он аст, низоми феъл аз даврони форсии бостон то замони забони муосири тоҷикӣ ба тағйироти чашмгире мувоҷеҳ шуда бошад ҳам, ҳамоно, нақши он бетағйир боқӣ мондааст.

Дар алоқамандӣ ба корҳое, ки доир ба феъл ва масоили баҳсноки он нигошта шудаанд, метавон аз таълифоти Л. Бузургзода, Б.

Ниёзмуҳаммадов, М. Давлятова, Р. Ҷураев, М.Н. Қосимова, С. Халилов, М. Қосимӣ, Р.Х. Додихудоев, Р. Шодиев, Г. Жило ва дигарон ёд кард, ки бисёре аз вижагиҳои ин ҳиссаи нутқро баён намудаанд. Дорои категорияҳои грамматикии зиёд будани феъл ва тамоил ба тағйирот дучор шудани он дар давраи нави ташаккули забони тоҷикӣ сабаб шудааст, ки муҳаққиқони забоншинос ба ин ҳиссаи нутқ таваҷҷуҳи бештар зоҳир кардаанд.

Диссертатсияи тақризшавандаи Раҳмонов Бахтиёр гувоҳи он аст, ки мавзӯи мазкур натанҳо дар забоншиносии муқобалавии тоҷик, балки умуман дар забоншиносии муқобалавӣ аҳамияти махсус дорад. Арзиши забоншиносӣ ва аҳамияти таҳқиқи сохтори грамматикии феъл дар забонҳои гуногуннизоми ҷаҳон, бавижа забони форсӣ-тоҷикӣ баёнгари он аст, ки таҳқиқотҳои муқоисавӣ ва муқобалавии дар ин самт анҷомшуда нокофӣ буда, масъалаи мазкур пеш аз ҳама аз диди муқоисавӣ-таърихӣ ниёз ба пажӯҳиши системавӣ дорад. Дар қисмати муқаддимавии диссертатсия талаботҳо доир ба иҷрои кори таҳқиқотӣ риоя гардида, ҳар бахш бо низоми муайян пай дар пай оварда шудаанд.

Омӯзиши маҷмӯии хусусиятҳои забоншиносии осори арзишманде назири “Таърихи Бухоро”-и Наршахӣ дар забоншиносии тоҷик аҳаммияти бағоят бузург дорад, зеро китоби мазкур дар замоне (асрҳои IX-X) таълиф ва тарҷума шудааст, ки забони форсӣ-тоҷикӣ дар оғози ташаккул ҳамчун забони адабӣ қарор дошт ва мунтазам меъёр интихоб менамуду такомул меёфт. Таҳқиқи феъл дар забоншиносӣ аҳамияти фавқулода дорад, чунончи забоншиносон Е.Э. Бертельс, Л. Жирков, Н.А. Белгородский, В.С. Расторгуева, Ю.А. Рубинчик, А.М. Касаев дар навиштаҳои худ доир ба муҳим будани чунин мавзӯъ ишораҳо доранд.

Бо таҳқиқоти мазкур диссертант дар назди худ мақсад гузоштааст, ки дараҷаи истифодаи феъл дар асар, феълҳои дар замони муосир аз истифода баромада, хусусиятҳои маъноӣ, сохтори калимасозӣ, вижагиҳои услубӣ, таснифи оморӣ ва дар умум вижагиҳои луғавӣ-грамматикӣ феълҳои забони тоҷикиро баён намояд.

Масъалагузорӣ, тавзеҳи хусусиятҳои грамматикӣ, баррасии ҳамаҷонибаи забони адабии тоҷикии даврони классикӣ дар асоси маводи “Таърихи Бухоро” ва тасниф намудани намудҳои феъл аз рӯи вижагиҳои луғавӣ ва грамматикӣ нишон медиҳад, ки диссертант ба мақсади дар пеш гузоштааш расидааст. Муаллифи диссертатсия бар асоси мутолиа ва ҷусторҳои мавзӯии таҷрибанамудааш ба муқаррар намудани марзи тағйироти луғавӣ, маъноӣ ва сохтории феъл иқдом карда, дар миёни феълҳои асар фақат як намунаи феъли иқтибосиро (талабидан), ки он ҳам дар шакли коркардшуда бо унсурҳои забони тоҷикӣ аст, нишон медиҳад.

Пас аз овардани муқаддима масъалаҳои назариявиву амалии марбут ба кори таҳқиқотӣ дар се боб ва зерфаслҳои алоҳида тақсим шуда, таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия муҳиммияти мавзӯи таҳқиқшаванда собит карда шуда, доир ба маводи таҳқиқ ва аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, навгониҳои илмии диссертатсия, равиши таҳқиқи мавзӯъ,

манобеи пажӯҳиш ва сатҳи эътимоднокӣ ва коркарди мавзӯъ маълумоти мушаххас оварда шудааст.

Боби аввали диссертатсия “Хусусиятҳои луғавӣ-маъноии феъл дар “Таърихи Бухоро”-и Наршахӣ” ном дошта, дорои ҳафт зерфасл мебошад. Дар ин боб масоили муҳимми марбут ба воҳидҳои луғавии забон (муродифот, мутазод, ҳамгун, сермаъноӣ, сатҳи корбурди феълҳо), дараҷаи истифодаи шаклҳои феълӣ, тағйиротҳои луғавӣ ва грамматикии дар давраи нави ташаккули забони тоҷикӣ баамаломада дар мисоли феълҳои маводи “Таърихи Бухоро” зикргардида ва масоили назариявии алоқаманд ба феъл мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Муҳаққиқ пас аз таҳлили боби мазкур дуруст натиҷагирӣ кардааст, ки мақоми феъл ё худ умуман ҳиссаҳои нутқ вобаста ба хусусиёти сарфии ҳар забон гуногун аст, бинобар ин, дар диссертатсия фақат ба хусусиятҳо ва имконоти луғавӣ ва грамматикии феълҳои “Таърихи Бухоро” аз рӯи хусусиёти сарфии забони тоҷикӣ таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Дар байни феълҳои дар асари мавриди назар, феълҳоеро дидан мумкин аст, ки марзи маъноияшон дар тӯли даҳ аср маҳдуд гардидааст, ё баръакс. Баъзе феълҳои камистеъмоли асар, ки бунёди тоҷикӣ доранд, аз истеъмол баромадаанд, ё истеъмоли онҳо маҳдуд гардидааст, ки ин халоро бештар феълҳои таркибии аз унсурҳои арабӣ ва тоҷикӣ шаклгирифта (феълҳои таркибӣ) пур кардаанд. Аз феълҳои иқтибосӣ дар миёни феълҳои содда ва сохтаи асар фақат як намунаи феъли иқтибосии арабӣ нишон дода шудааст, ки он баёнгари дар марҳилаи аввали ташаккули давраи нави забони тоҷикӣ миқдоран хело кам будани иқтибосот аз забони арабӣ мебошад.

Диссертатсияи мазкур бо ҷустуҷӯҳои муқаррарнамоии ташаккули моҳияти феъл ва хусусиёти категории он ва масъалагузории ташаккули таърихӣ аз корҳои анҷомшудаи дигар фарқ карда меистад. Диссертант бо овардани номгӯи китобҳои таълифшудаи наздик ба мавзӯъ нишон медиҳад, ки воқеан ҳиссаи нутқи мазкур – феъл ниёз ба таҳқиқи ҳамаҷониба дорад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло муҳим будани таҳлили категорияҳои феъл, хусусиятҳои овоии он дар забони тоҷикӣ, тавсифи хусусиёти луғавии феълсозӣ, омӯзиши ҷиҳатҳои маъноии он дар муқоиса ва муқобала дар диссертатсияи тақризшаванда таъкид мегардад. Махсусан, ӯ кӯшиш кардааст, ки баъзе аз хусусиятҳои баромади феълро бо истифода аз равиши муқоисавӣ-таърихӣ ва муқобалавӣ тавзеҳ намуда, аз таҳлили луғавӣ-маъноӣ ба таҳлили таърихӣ ва оморгирии забоншиносӣ мегузарад.

Дар боби дувуми диссертатсия “Сохтори феъл дар “Таърихи Бухоро”-и Наршахӣ” ном дошта, аз чор зерфасл таркиб ёфтааст. Дар боби мазкур сохти феъл зимни тасниф ба гурӯҳҳои содда, сохта ва таркибӣ таҳлил гардидааст. Диссертант бар асоси мутолиот ва мушоҳидот зимни таҳлили феълҳои соддаи матни “Таърихи Бухоро” маълумот медиҳад, ки феълҳои соддаи забони тоҷикӣ феълҳое мебошанд, ки аз реша ва бандакҳои феълӣ таркиб ёфтаанд, мисли *омадан, задан, гирифтан, овардан* ва амсоли он. Дар забони тоҷикӣ гурӯҳе аз феълҳоро, ки дар натиҷаи ба ҳам омадани пешванд ва реша сохта шудаанд, феълҳои сохта номида, баромади аксари ин пешвандҳоро

зарфҳои форсии миёна медонад, ки чунин ҳам ҳаст. Дар боби мазкур доир ба ҳама вандҳои шаклсоз ва калимасози забони тоҷикӣ, ки баъзе аз онҳо дар замони муосир аз истифода баромадаанд, маълумот дода мешавад.

Дар боби севуми диссертатсия - "Хусусиятҳои грамматикии феълҳо дар "Таърихи Бухоро"-и Наршахӣ", ки фарогири чаҳор зерфасл мебошад, ки дар он хусусиёти грамматикии феълҳои асар аз нигоҳи намуд, тарз, замон, сиға ва унсурҳои баҳсноки феъл, аз қабили масоили марбут ба фаҳмиши истилоҳоти "дуруст" ва "нодуруст" ва ҳамчунин тарзи бавосита ва бевосита дар феъл таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Муаллиф аз таҳалили боби мазкур ба натиҷае расидааст, ки вазифаи худро иҷро карда натавонистани баъзе шаклҳои грамматикӣ боис мегардад, ки онро воситаҳои грамматикии дигаре иваз намояд ва ё бидуни ивазнамоии он бо дигар воситаи грамматикии ифодакунандаи он ин категория бо маънои худ аз сафаҳоти категорияҳои грамматикии он забон маҳв мегардад. Масъалаи "алиф"-и дуо ва "йо"-и ҳикоят, ки дар даврони классикӣ истифода мешуданд, чунин аст.

Дар хулоса натиҷаҳои бадастомаи мавзӯи таҳқиқкардаашро овардааст, ки он ифодакунандаи хусусиятҳои умумии феъл мебошад.

Дар қатори муваффақиятҳо дар диссертатсия ва автореферат баъзе норасоиҳо низ дида мешавад, ки ислоњи чунин камбудињо дар оянда барои бењтар гардидани сифати рисола мусоидат хоњад кард:

1. Дар диссертатсия ва автореферат ғалатҳои имлоӣ ва китобат ба чашм мерасанд (с. 6, 18, 19, 51, 54, 69, 76...);

2. Дар матни диссертатсия аз истилоҳи ягона нисбати забони тоҷикӣ истифода накардааст (с. 4, 5, 6, 13, 19, 47...) ҳол он ки забони тоҷикӣ бо номи "забони тоҷикӣ" забони давлатӣ аст;

3. Дар баъзе саҳифаҳо иқтибос бидуни нохунак оварда шудааст (саҳ. 19, 28, 47, 49...);

4. Дар диссертатсия ба баъзе аз мақолаҳои илмии вобаста ба мавзӯи диссертатсия истифода нашудааст. Аз ҷумла, профессор С. Шербоев доир ба феъл мақолоте доранд, дар кор ба он нест;

5. Миқдори саҳифаҳои баъзе аз адабиёти ба хатти арабиасос навишташуда оварда нашудаанд;

6. Дар диссертатсия дар баъзе мавридҳо ғалатҳои услубӣ ба чашм мерасанд;

7. Диссертант доир ба сиғаҳо сухан ронда, онҳоро ба чаҳор навъ: хабарӣ, шартӣ, амрӣ, дуоӣ ҷудо мекунад, вале доир ба сиғаи эҳтимолӣ маълумот наовардааст.

Камбудӣ ва нуқсонҳои зикргардида наметавонад аз арзиши аслии диссертатсия ва автореферати тақризшаванда чизе коҳонад.

6. Дар диссертатсия дар баъзе мавридҳо ғалатҳои услубӣ ба чашм мерасанд;

7. Диссертант доир ба сиғаҳо сухан ронда, онҳоро ба чаҳор навъ: хабарӣ, шартӣ, амрӣ, дуоӣ ҷудо мекунад, вале доир ба сиғаи эҳтимолӣ маълумот наовардааст.

Камбудӣ ва нуқсонҳои зикргардида наметавонад аз арзиши аслии диссертатсия ва автореферати тақризшаванда чизе коҳонад. Бинобар ин, дар асоси мазмуну муҳтавои рисола метавон ба хулосае омад, ки муқаддима ва бобҳои дохилии рисола тавонистаанд, иттилои арзишмандеро дар бораи хусусиёти забонии феълҳои мустаъмали асар бозгӯ намоянд. Биноан, диссертатсияи номзадии Б. Раҳмонов кори илмии бaанҷомрасида буда, ба талаботе, ки КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст, ҷавобгӯ мебошад. Фишурдаи рисола ва силсилаи мақолоте, ки унвонҷӯ перомуни мавзӯъ дар маҷаллаҳои илмии таъйиднамудаи КОА чоп кардааст, муњтавои диссертатсияро инъикос намудаанд. Бинобар ин, диссертатсияи номзадии Бахтиёр Раҳмоновро ҳамчун кори илмии анҷомёфта аз рӯи тахассуси 10.02.01 – забони тоҷикӣ сазовор ба дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ мебошад.

Тақризи мазкур дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДЗТ ба номи С. Улуғзода муҳокима ва тасдиқ карда шудааст. Дар ҷаласа иштирок доштанд 25 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор»- 25 нафар, «муқобил» - нест; қарори № 10, аз санаи 10.05.2019.

Мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносии
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон
ба номи С. Улуғзода, н.и.п., дотсент А. Наврасов
Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 16/7
Тел: 232-50-00, 232-50-03; Моб: (992) 900084149
E-mail: navrasov1972@mail.ru

Муқарриз: номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ Ш. Ҷаборова

Имзои дотсент А. Наврасов ва Ш. Ҷабороваро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишкадаи давлатии
забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода Ш. Наҷмуддинов

10.05.2019.